## Шарҳи моҳонаи таваррум • Июни 2021

**Коҳишёбии нисбии сатҳи нархҳо дар моҳи июни соли 2021 ба қайд гирифта шуда, нишондиҳандаи манфии он 0,5 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 1,0 банди фоизӣ паст мебошад.**

Раванди мазкур асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,7 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, нисбатан болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,3 фоиз (0,1 б.ф.) ва нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,5 (0,1 б.ф.) фоиз ба назар расид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар арзоншавии нархи миёнаи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 0,9 фоиз, тухм 11,1 фоиз, шакар 4,5 фоиз, себ 10,7 фоиз, пиёз 15,0 фоиз, помидор 54,3 фоиз, картошка 19,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, афзоишёбии нархи миёнаи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи гӯшти гов 0,6 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,8 фоиз, равғани пахта 1,6 фоиз, карам 4,0 фоиз ва сабзӣ 18,4 фоиз ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи июни соли 2021 бештар қиматшавии нархи миёнаи маводи сӯзишворӣ 4,0 фоиз, бахусус сӯзишвории дизелӣ 13,4 фоиз, бензини навъи АИ-92 2,2 фоиз ва гази моеъ 5,6 фоиз ба мушоҳида расид.

**Ҳамин тариқ, таваррумi солона дар моҳи июни соли 2021 ба 9,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,6 б.ф. зиёд мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад. Инчунин, бинобар сабаби нисбатан барқарор гардидани иқтисодиёти ҷаҳон ва зиёд гардидани талабот бинобар

**Таваррумi моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумi солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



афзоишёбии даромаднокии аҳолии минтақа ва ҷаҳон, паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар кишвар (шакар, равғани рустанӣ ва дигар) замина гузошт.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июни соли ҷорӣ бетағйир буда (0,003 фоиз), бо арзёбии солона ба 1,9 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол) ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабили маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт бо назардошти афзоиши фишорҳо, интизориҳои таваррумӣ ва дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он дар ин давра тадриҷан 1,25 б.ф. (маротибаи якум санаи 5 феврал ба андозаи 0,25 б.ф. ва маротибаи дуюм санаи 27 апрели соли 2021 иловатан ба андозаи 1,0 б.ф.) зиёд карда шуда, дар сатҳи 12,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Ҷиҳати танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоби кумулятивӣ дар ҳаҷми 152,9 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷалб гардид. Инчунин, дар ин давра 33 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 3,3 млрд. сомонӣ баргузор кард.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррумӣ дар доираи ваколатҳои худ бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | Июн моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **8,3** | **8,4** | **9,0** | **-0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **9,0** | **9,0** | **10,9** | **-1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | 1,0 | -5,0 | -3,7 | -0,9 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -2,6 | -4,3 | -5,5 | -0,9 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -1,0 | -8,9 | -5,7 | -0,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 15,7 | 14,9 | 14,6 | 0,5 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 16,9 | 15,8 | 15,5 | 0,6 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,3 | 15,5 | 24,2 | -11,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 11,3 | 8,0 | 6,2 | -0,4 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 13,6 | 7,6 | 3,1 | -2,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 62,4 | 64,0 | 64,3 | 0,8 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -11,4 | -16,3 | -9,5 | -4,6 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | -8,1 | 8,7 | 14,1 | -2,8 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 42,3 | 42,5 | 41,0 | -4,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | 4,6 | 1,3 | -1,7 | -0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **6,2** | **6,6** | **4,3** | **0,8** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **9,2** | **9,2** | **8,4** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 4,1 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 7,7 | 6,9 | 6,5 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 10,0 | 9,0 | 7,7 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | 6,2 | 3,0 | -0,4 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 39,4 | 56,3 | 56,8 | 4,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 24,4 | 25,4 | 22,1 | -1,7 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 4,2 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 9,7 | 8,0 | 5,6 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,3** | **6,2** | **5,1** | **0,5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 7,2 | 10,2 | 9,6 | 1,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 4,7 | 3,8 | 3,8 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 36,2 | 61,2 | 52,0 | 6,9 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,7 | 5,6 | 5,5 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо